«Мувофиқа карда шуд»
Шӯрои ҳамоҳангсозии
фаъолияти мақомоти санҷишӣ
аз «21» декабри соли 2023
Протоколи №13

«Тасдиқ мекунам»
Сардори Хадамоти давлатии
назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт
________ Қурбонзода Д.Қ.
аз «__» декабри соли 2023

**Номгӯи масъалаҳои назоратие, ки тибқи онҳо санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт гузаронида мешавад.**

Номгӯи мазкур дар асоси моддаи 25-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъекти хоҷагидор» №1269 аз 25.12.2015с. таҳия шуда, масъалаҳои назоратиеро, ки тибқи онҳо санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт гузаронида мешаванд, муайян менамояд.

| № | Номгӯи масъалаҳои назоратӣ | Ҷавобҳо | | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳа | Не | |
| | **1. Фаъолияти соҳаи нақлиёт** | | | |
| | **а) корхонаҳои нақлиётӣ автомобилӣ (мусофиркашонӣ, боркашонӣ, терминалҳои мусофиркашонӣ ва боркашонӣ, нуқтахои хизматрасонии техникӣ ва таъмир дар нақлиёти автомобилӣ):** | | | |
| 1.1 | - мувофиқ будани дараҷаи тахассусии ҳайати муҳандисию техникӣ ва ронандагон ба вазифаи ишғолкардаашон; | | | |
| 1.2 | - мавҷудияти ҳуҷҷатҳои расмии хатсайрҳои мусофирбар ва боркашонии байналмилалӣ: шиноснома ва нақшаи хатсайр, ҷадвали ҳаракат ва риояи он; | | | |
| 1.3 | - риояи қоидаҳои боркашонӣ ва аз роҳҳои автомобилгард гузаштани воситаҳои нақлиёт бо вазн ва андозаҳое, ки аз меъёрҳои муқарраршуда зиёданд; | | | |
| 1.4 | - мавҷудияти базаи истеҳсолӣ-моддӣ техникӣ барои хизматрасонии техникии воситаҳои нақлиёт ва ҷавобгӯ будани он ба талаботи муқарраршуда; | | | |
| 1.5 | - риояи меъёрҳои гузаштани ронандагон аз муоинаи тиббӣ ва воситаҳои нақлиёт аз муоинаи техникӣ ва хизматрасониҳои техникӣ (ХТ-1, ХТ-2 ва ғ.); | | | |
| 1.6 | - сари вақт гузаронидани таҷрибаомӯзӣ (барномаи 20 соата), | | | |
| 1.7 | - риоя намудани қоидаҳои ҳамлу нақл ва меъёрҳои ғунҷоиш дар нақлиёти мусофирбар; | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.8 | - таъмини реҷаи кории муайяншуда ва истироҳати ронандагон; | | | |
| 1.9 | - таъмини мунтазамнокии фаъолияти воситаҳои нақлиёти мусофирбар дар хатсайрҳои тибқи ҷадвали ҳаракат; | | | |
| 1.10 | - назорати иҷрои шартҳои озмун, қарордоди байни идораи салоҳиятдори Вазорати нақлиёт ва дигар шартномаҳои марбут ба соҳа; | | | |
| 1.11 | - таъмини бехатарии интиқоли мусофирон; | | | |
| 1.12 | - ҷавобгӯ будани воситаҳои нақлиёт аз ҷиҳати техникӣ ба талаботи қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ; | | | |
| 1.13 | - мавҷудияти ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақли мусофиркашонию боркашонӣ, иҷозатнома, варақаи назоратӣ, роҳхат, борхат ва ғ. | | | |
| 1.14 | - мавҷудият ва ҷавобгӯй будани базаи истеҳсолӣ-моддӣ техникӣ, аз ҷумла перрон, хадамоти маълумотдиҳию иттилоотӣ, операторӣ ва танзимгарӣ, қароргоҳ, нуқтаи гузаронидани муоинаи техникии автомобилҳо ва аз муоинаи тиббӣ гузаштани ронандагон пеш аз баромадан ба хати сайр; | | | |
| 1.15 | - сатҳи хизматрасонии босифат, аз ҷумла ҷои нигоҳдории бағоҷ, утоқи танзимгарон, утоқ барои модару кӯдак ва ғайраҳо; | | | |
| 1.16 | - мавҷудияти анборҳои мувофиқ барои нигоҳдории борҳо ва механизмҳои боркунию борфарорӣ; | | | |
| 1.17 | - мавҷудияти иҷозат барои истифодабарии механизмҳои боркунию борфарорӣ; | | | |
| 1.18 | - мавҷудият ва ҷавобгӯй будани базаи моддӣ-техникии нуқтаҳои таъмири техникӣ, аз ҷумла таҷҳизоту дастгоҳҳо, постгоҳҳо ва сехҳои корӣ ба шарту талаботи муқарраршуда; | | | |
| 1.19 | - бо сифат иҷро кардани корҳо ва мавҷудияти кафолати хизматрасонии техникии гузаронидашуда; | | | |
| **б ) Барои корхонаҳои фаъолияти роҳдорӣ:** | | | | |
| 1.20 | - мавҷудияти базаҳои истеҳсолию техникӣ, аз ҷумла | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | техникаҳои дигари дар асоси шартномаи иҷора ҷалбкардашуда | | | |
| 1.21 | - маълумот оид ба системаи назорати сифат дар ташкилот; | | | |
| 1.22 | - мавҷудияти нусхаи шартнома аз лаборатория оид ба гузаронидани озмоиши маҳсулоти истеҳсолшаванда ва нусхаи санҷишҳои озмоишӣ; | | | |
| 1.23 | - мавҷудияти нусхаи шартнома аз лаборатория оид ба гузаронидани озмоиши маҳсулоти истеҳсолшаванда ва нусхаи санҷишҳои озмоишӣ; | | | |
| 1.24 | - риояи меъёру стандартҳои байналмилалӣ ва байнидавлатие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст; | | | |
| 1.25 | - ба талаботҳои иҷозатномадиҳӣ муқарраршуда мутобиқат кардани объектҳое, ки ба ёрии онҳо намуди фаъолияти иҷозатномашаванда амалӣ карда мешавад (воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникӣ, таҷҳизотҳо, иншоотҳо ва ғайра); | | | |
| 1.26 | - мутобиқати корҳои иҷрошуда ба меъёр ва талаботи муқарраршуда; | | | |
| 1.27 | - ҷавобгӯ будани корҳои иҷрошуда ба дараҷаи масъулиятнокӣ ва риояи иҷрои корҳои дар он нишондодашуда. | | | |
| | **в) Барои фаъолияти нақлиёти роҳи оҳан:** | | | |
| 1.28 | - мутобиқати сатҳи техникӣ ва тахассусии кормандон, мавҷудият ва мутобиқати базаи моддию техникӣ, инчунин коргоҳҳо ва стансияҳо, анборҳои мувофиқ барои нигоҳдории борҳо, мавҷудияти механизмҳои боркунию борфарорӣ, хадамоти маълумотдиҳию иттилоотӣ; | | | |
| 1.29 | - мавҷудияти сертификати сифат оид ба кашонидани бор; | | | |
| 1.30 | - мавҷудияти сертификат оид ба мутобиқати тахассуснокии ҳайати коргарон дар фаъолияти боркашонӣ дар нақлиёти роҳи оҳан (нақлиёти экспедитсионӣ); | | | |
| 1.31 | - мавҷудияти шартнома бо КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» оид ба истифодабарии роҳи оҳан; | | | |
| 1.32 | - нақшаи роҳи фаръии оҳан ва санади санҷишӣ; | | | |
| 1.33 | - мавҷудияти шаҳодатномаи техникии роҳи оҳан; | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.34 | - назорати ҳолати техникии қатораҳои мусофиркаш ва боркаш, доштани сертификати сифат барои ҳар як қатора дар алоҳидагӣ аз мақомоти салоҳиятдор; | | | |
| 1.35 | - назорати ҳолати техникии роҳҳои фаръии оҳани корхонаҳои саноатии дорои роҳи фаръии оҳан буда; | | | |
| 1.36 | - назорати кори дастгоҳҳои садодиҳандаи алоқа ва техникаи ҳисоббарор дар сайрхатҳои муқарраршуда, таъмини бехатарии мунтазами қаторахои ҳаракаткунанда, ҳолати техникии чароғакҳои роҳнамои худкор дар истгоҳҳо ва гузаргоҳҳои роҳи оҳан; | | | |
| 1.37 | - риояи меъёру стандартҳои байналмилалӣ ва байнидавлатие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст; | | | |
| 1.38 | - назорати ҳаракати мунтазами қатораҳо ва кори таҷҳизотҳои хизматрасон; | | | |

Сардори шӯъбаи назорат ва
танзими нақлиёти автомобилӣ ва обӣ — Бобоев З.

Сардори шӯъбаи назорат ва
танзими нақлиёти роҳи оҳан — Бобоев О.

Сардори шӯъбаи назорат ва
танзими хоҷагии роҳҳо — Салимзода Л.